***Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён.,***
*номзади илмҳои филология,*
*корманди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф*
*ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ*

# ИДЕОЛОГИЯИ ЯГОНАГИИ МИЛЛӢ ВА МАСОИЛИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ МАЪНАВӢ ДАР МАНБАЪҲОИ ТАЪЛИМИИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Саргузаштҳои ҳаётии бузургони классик ва муосири мо ҳамчун сарчашмаи муҳим ҷиҳати офаридани образҳои қаҳрамонҳо, ки барои хонандаи муосири тоҷик хеле зарур аст, хизмат мекунанд. Муборизаҳои дохилию хориҷӣ, рафтан ба ғарибиҳо, бандию зиндон шуданҳо руҳи қавии онҳоро нашикастааст. Мустаҳкамии ирода ва маънавиёти гузаштагонамон дар он зоҳир мегардад, ки дар давраи ҳуҷуми аҷнабиён ва баъзе табадулоти сиёсӣ онҳо асли хеш, забон фарҳанг ва маданияти худро нигоҳ доштанд. Эътиқоди мустаҳкам ба расму ойини аҷдодӣ ба тоҷикон қувваю нерӯ бахшидааст. Бинобар ин, дар ҳамаи дарсҳои адабиёт таълими асарҳое, ки сатҳи маънавиётро боло мебардоранд, лозим аст. Ба воситаи образи бадеӣ бо қаҳрамонии онҳо шинос гашта, хонандагон метавонанд ба хондани китоби бадеӣ рӯ биёранд, чунки ин барои онҳо маънии ҳаёт ва сабаби ҳаяҷони шахсӣ мегардад. Дар раванди корҳои беруназзсинфӣ ва маҳфилҳо низ шавқу завқи хонандагонро ба китобҳои аҳамияти баланди маънавидошта зиёд кардан мумкин аст.

Аз таҳлили воқеаю ходисаҳои ду асри охир бармеояд, ки барои миллати тоҷик ба таври умумиву фарогир идеология – ваҳдати миллӣ ба шумор меравад. Ҷой надоштани идеологияи ваҳдати миллӣ сабаб гардида буд, ки парокандагӣ ба вуҷуд ояд ва тамомияти арзӣ аз даст равад. Санаи 27-уми июн барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бузурги таърихӣ дорад, зеро имрӯз халқи бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ азиятдида ва аз ҳам ҷудошударо ба ҳамдигарфаҳмию ваҳдат овард. Ваҳдати миллӣ ба осонӣ ба мо муяссар нашудааст ва ҳамдигарро водор мекунад, ки ба қадри ин неъмати бузург расида бошем ва барои таҳкими он кӯшиш намоем. Дар давоми ин солҳо ба ваҳдати воқеӣ расидан, манфиатҳои Ватан, давлат ва миллатро аз ҳама чиз боло гузоштан дастоварди бузурги миллати тоҷик буд ва ҳамин тавр мемонад. Ҳамраъйии халқҳову ғояи дӯстӣ дар таърихи адабиёти тоҷик низ мавқеи шоиста дорад.

Вобаста ба талаботи ҷаҳонишавӣ ва мутобиқ будани таҳсилоти ба замони муосир дар ҷумҳурии мо навсозии мазмуни таҳсилот, стандартҳои давлатии зинаҳои таҳсилоти умумӣ, барномаҳои таълимӣ сурат мегирад ва дар асоси стандарту барномаҳои нав китобҳои дарсии насли нав таълиф мешаванд. Бинобар ин, вазифаи аввалиндараҷаи таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ руҳияи худшиносию тафаккури миллӣ доштани онҳо мебошад. Дар ин бора аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид гардидааст. Зимни суханрониашон дар Рӯзи дониш 17 августи соли 2020 таъкид намуданд, ки «Сатҳу сифати дониши хонандагон, пеш аз ҳама аз мазмуну муҳтавои китоби дарсӣ вобаста аст». Дар ин самт Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолияти худро тибқи чунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ мондааст:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адабиёти таълимӣ" (Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми июли соли 2014,№709 тасдиқ шудааст).
- Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2015, №30/26 тасдиқ карда шудааст).
- Низомномаи шурои ташхису тақриз ва ҳамоҳангсозии адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.
- Дастурамал оид ба гузаронидани экспертиза (ташхис ва баҳодиҳӣ)-и китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва маводи дигари таълим барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2021, №12/1 тасдиқ карда шудааст.

Дар ҳақиқат, китоби дарсии адабиёти тоҷикро низ зарур аст маводеро фарогир бошад, ки барои бедор намудани фикрронии мустақили хонанда замина дошта бошад. Вазифаи аввалиндараҷаи таҳияи китоби дарсии адабиёти тоҷик – ин дар руҳияи идеологияи худшиносию тафаккури миллӣ ва ваҳдати миллӣ тарбия намудани хонанда мебошад. Дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик оид ба ваҳдату иттифоқ ва дӯстию сулҳу субот аз ашъори шоирон порчаҳои шеърии хусусияти тарбиявидошта ҷой дода шудаанд. Ба монанди:

Адабиёти тоҷик барои синфи 6: Ибни Ямини Фарюмадӣ:

Ду дӯст бо ҳам агар якдиланд дар ҳама ҳол,
Ҳазор таънаи душман ба ними ҷав нахаранд.
В-ар иттифоқ намоянду азми ҷазм кунанд,
Сазад, ки пардаи афлокиён зи ҳам бидаранд.

Хофизи Шерозӣ:

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, ба душманон мадоро.

Мавлоно Балхи:

Ҳаркӣ бошад ҳамнишини дӯстон,
Ҳаст дар гулхан миёни бӯстон.

Агар китоби дарсии адабиёти тоҷик идеологияи ваҳдати миллиро дошта бошад, такя ба дунявият навишта шуда бошад ва ҷаҳонбинии илмиро фарогир бошад, ба самаранокии мубориза бар зидди терроризму экстремизм, пешгирӣ аз хурофот ва таҳкими давлатдории миллӣ мусоидат мекунад. Масалан, дар саҳифаи 46 - и китоби дарсии адабиёти тоҷик барои синфи 9 (нашри соли 2017) дар мавзуи панду андарзи Саъдии Шерозӣ оид ба манфиати ваҳдат ва иттифоқ гуфта шудааст:

Ду оқилро набошад кину пайкор,
На доное ситезад бо сабукбор.
Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,
Хирадмандаш ба нармӣ дил биҷӯяд.

Китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ин идеологияро асос гузоштан ва қавӣ гардонидан ҷиҳати тарбияи насли худогоҳ ва ба якдигар иттифоқ нақши муҳим мебозанд. Дар фазои андешаҳои ҷавонон ва наврасон ҷой доштани холигии идеологӣ хатари азими сиёсӣ дорад, чунки ин холигии идеологиро гурӯҳҳои ифротӣ метавонанд ба манфиати хеш истифода барнд. Аз ҳамин сабаб, зарур ва муҳим аст, ки ин холигиро бо идеологияи ваҳдати миллӣ пур намоем. Вобаста ба ҳамин гуфтаҳо дар саҳифаи 302 - и китоби дарсии адабиёти синфи 11, зимни таҳлили эҷодиёти шоир Лоиқ Шералӣ “Мубораккнома” ном мавзуъ омадааст, ки пурра ба масъалаи идеологияи ваҳдати миллӣ ва аз байн бурдани маҳалгароӣ бахшида шудааст:

Пас, биё, даст ба ҳам додаву паймон созем,
Дар баду нек ба ҳам будаву даврон созем.
Дар ҳарими диламон маъбади имон созем,
На шимолӣ, на ҷанубӣ, яке инсон созем!

Дар ин китоб инчунин, Ҳақназар Ғоиб дар «Суруди ваҳдат» аз дилу ҷон ваҳдату ягонагии халқи тоҷикро, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ халалдор гардид, тараннум менамояд:

Ба тан пӯшед, ёрон, ҷомаи идонаи ваҳдат,
Шароби арғувон нӯшед аз паймонаи ваҳдат.
Чунон оред меҳри дил ба якдигар ба солорӣ,
Ки ҳар як хонаи тоҷик гардад хонаи ваҳдат.

Дар натиҷаи ташхис муайян гашт, ки мавзуъҳои панду ахлоқ, дониш, хирад, далерӣ, зиракӣ ва ғайра дар китобҳои мавриди ташхис қароргирифта зиёд ҷой дода шудаанд. Дар баробари ин мавзуъҳо мавзуъҳои ваҳдат, дӯстӣ ва арзишҳои миллӣ нишондодҳои начандон қаноатбахш доранд. Масалан, мавзуъҳои идеологияи ваҳдат ва арзишҳои миллидошта нисбат ба мавзуъҳо оид ба дӯстию рафоқат дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик бениҳоят кам ҷой дода шудааст.

Тибқи фармоиши директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла Душанбе, Кулоб, Норак, Восеъ, Ваҳдат, Рӯдакӣ сафарҳои корӣ анҷом дода шуда, фикру андешаҳои омӯзгорон оид ба

рафти амалишавии ислоҳоти соҳаи маориф (бахусус, муносибати босалоҳият ба таълим) дар муассисаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ, мавҷудияти стандарти фаннӣ, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ворид кардани идеологияи ваҳдат ва давлатдории миллӣ, арзишҳои ҳувиятсози тоҷикон дар китобҳои дарсии замони муосир муайян намуда шуд.

Аз натиҷаи таҳқиқ ва ташхиси китобҳои дарсии адабиёти тоҷик, муайян гардид, ки омӯзгорон нисбат ба стандарт ва барномаи таълим ва ин китобҳои дарсии мавриди истифода чунин фикру ақидаҳо доранд:

1. Дар китобҳои дарсӣ дар бораи қаҳрамонҳои халқи тоҷик бештар маълумот дода шавад.
2. Бояд саволҳо, матнҳо бисёртар дар мавзуъҳои ватандорӣ, ватандӯстӣ ва арзишҳои миллӣ дар самти сиёсати давлат бошанд.
3. Дар китоби дарсии адабиёт на таърихи адабиёт, балки асари адабӣ таълим дода шавад.
4. Ба таври тестӣ супоришҳо бисёртар шавад.
5. Барномаи таълим ба талаботи усули дарси салоҳиятнокӣ ҷавобгӯ нест.
6. Зимни таҳияи китобҳои дарсӣ муаллифон ҳатман дар муассисаи таълимӣ таҷрибаи корӣ дошта бошанд.
7. Бо роҳҳои шавқовар ва диққатҷалбкунанда ворид сохтани ғояҳои давлатдории миллӣ ба барнома ва китобҳои дарсӣ.
8. Мутобиқати барнома ва китоби дарсӣ. Баъзе ғазалҳо дар барномаи адабиёти синфи 10 ҳастанду дар китоби дарсӣ не.
9. Хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ ба китоби дарсӣ бештар тариқи саволу ҷавоб ва тест ворид намуда шавад.

Ғайр аз ин, худогоҳи, хештаншиносӣ ва такмили ҳисси ватандӯстии хонандагонро бо роҳу усули хониши мустақилона ва гузаронидани маҳфилҳо густариш додан мумкин аст.

Китобҳои нашри охири адабиёти тоҷик барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди ташхис қарор дода шуда, чунин натиҷагирӣ пешниҳод мегардад:

1. Адибоне, ки эҷодиёти онҳо ба қадри кофӣ густурда нашудаанд ва миқдоран кам ҳастанд, аз барномаи таълимӣ гирифта шаванд (масалан, Гулханӣ, дар адабиёти синфи 5).
2. Китоби адабиёти синфи 8, махсусан мавзуи Абулқосим Фирдавсӣ назари ҷиддӣ металабад. Достонҳое, ки хонандаро дар руҳияи қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ, далерию шуҷоат ва ваҳдату иттифоқ тарбия мекунанд дар китоби дарсӣ бештар ҷой дода шаванд, таҳлилу баҳодиҳӣ ба образҳои онҳо тибқи идеологияи арзишҳои миллӣ бошад.
3. Дар китоби адабиёти тоҷики синфҳои 5 ва 6 ворид намудани ашъори ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшидашуда ва таҳлили мазмуни онҳо.
4. Рубоиҳо оид ба дӯст доштани ватан, модар ва забони тоҷикӣ ва шеърҳо аз «Модарнома»-и Лоиқ Шералӣ ворид намуда шаванд (дар китоби адабиёти синфи 5 ва рубоиҳои ишқӣ гирифта шаванд).

5. Шеърҳои ватандӯстии Мирзо Турсунзода ва дигар шоирони даврони истиқлолият зиёдтар таълим дода шаванд (дар китоби забон ва адабиёти синфи 7).
6. Аз таърихи «Шоҳнома»-нависӣ бештар маълумот оварда шавад ва достонҳои қаҳрамонии он ба монанди «Ҷанги Рустам бо деви Сафед» ва ғ. мукаммал нақл карда шавад (дар китоби адабиёти синфи 6).
7. Достонҳои қаҳрамонӣ ба монанди «Самаки Айёр» ба хонандагон таълим дода шавад (дар китоби адабиёти синфи 8).
8. Матнҳои хурд дар бораи муқаддасоти миллӣ: пули миллӣ ва байрақу нишон, бо ифода намудани моҳияти ин арзишҳои миллӣ дар китобҳои адабиёти тоҷиқи синфҳои 5-6 оварда шавад.

Дар миёни хонандагон китоб ё кинофилмҳои мундариҷаи қаҳрамонию далеридошта бо шавқу завқи беандоза муҳокима мегарданд. Онҳоро тақдири қаҳрамони асар, ки ҳаёти худро ба хизмати Модар-Ватан бахшидааст ва хати сюжети он нигарон мекунад. Хонандагон ин образҳоро сахт аҳамият дода, нағз дар хотир мегиранд ва тамоми ҳаёт кӯшиш мекунанд, ба онҳо монанд шаванд. Муҳокимаронихое, ки наврасони муосир ба образҳои характери агрессивидоштаи филмҳои дигар мамлакатҳо тақлид мекунанд, вазъиятро дигар намекунад. Дар ин вақт зарур аст қаҳрамонеро, ки корнамоии маънавӣ намудааст, дар шакли сода ва фаҳмо муқобилгузорӣ намоем, афзалияти онро нишон диҳем. Ба таври маъмулӣ нақл намудани асарҳои ба нусхабардорӣ монанди асри XX диққати хонандаро ба худ ҷалб намекунад ва образи якмароми бетафовути қаҳрамонро нишон медиҳад.

Фаъолияти эҷодкорона ва таҳқиқотӣ дар муассиса диққати хонандагонро ҷалб менамояд, водор месозад, ки дар бораи маводи дар дарс шунидаашон андеша намоянд ҳаёти дохилии инсонро беҳтар дарк намоянд. Асарҳои қаҳрамонии адабиёт барои хонандагон образи инсони муқаддасро инъикос мекунад, ки вазъиятҳои гуногуни ҳиссиёт, ормонҳои ахлоқию маънавиро доро аст. Ба ҷаҳони адабиёти маънавӣ ворид гашта, хонанда хоҳам нохоҳам бо ин ҷаҳон вобастагӣ пайдо мекунад, масъалаҳои маънавиётро ҳал менамояд, маънии зиндагиро дар он ҷустуҷӯ мекунад. Мақсади тарбияи хонандаи муосирро ба миён гузошта, педагог бояд дар худ масъулияти баргузор намудани чунин дарсҳоеро ба ӯҳда гирад, бо суханҳои худ образеро офарад, ки наврас ба он ворид шавад, ғамхорӣ намояд, ба дили ӯ ҷой гардад, талаботи ба он монанд шуданро пайдо намояд. Ин талабот нисбат ба омӯзгор дар сурате амалӣ мегардад, ки предмети суҳбатро ба таври амиқ донад, маводро шахсан ғамхорӣ намуда, ҷамъоварӣ карда бошад, маданияти баланди нутқ дошта бошад ва унсурҳои педагогии дурустро соҳиб бошад. Чунин меҳнати сангин барои он зарур аст, ки ормонҳои дар ниҳод ва замири наврас гузошташуда асари худро тамоми умр мегузоранд, ҷиҳати ташаккули шахсияти хонанда нақши муҳим мебозанд.

Гумон меравад, ки яке аз вазифаҳои асосии предмети раванди маънавиёт ин кори бодиққат ва боандеша бо матнҳои масъалаи ахлоқӣ-тарбиявидошта, коркард, инкишоф ва мустаҳкамкунии матнҳои хондашуда, фаҳмоиши он, далелҳо оварда тавонистан оид ба мавқеи интихобнамудаи худ, хулоса бароварда тавонистан мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки таҳлил намудани адабиёти ҷанбаи маънавӣ-ахлоқидошта дар кадом шакле набошад, бе муқоиса намудан бо инсони замони муосир номумкин аст, бо назардошти он, ки фарҳанги умумӣ ба вуҷуд меояд ва онро ҷаҳонишавӣ, глобализатсия ном мебаранд. Чунин ақидаронихо бо афкори қаҳрамони асари «Ғуломон»-и Садриддин Айнӣ, яъне бо мафкураи як умр ҳамчун ғулом зиндагӣ намудан, рост намеояд. Чаро зарурат шуд, ки мафкураи ғуломоне, ки асрҳо боз бо як маром зиндагӣ мекарданд, дигар шавад? Мафкураи ғуломӣ дар замони гузашта чӣ тавр пайдо шудааст ва дар замони имрӯза низ чунин фикрронихо мавҷуданд? Инҳо саволҳои асосие ҳастанд, ки омӯзгор ҳангоми таҳлил намудани асари бадеӣ диққати хонандаро бояд ба он ҷалб намояд.

Кор бо адабиёти бадеӣ имкон медиҳад, ки сифатҳои шахсии қаҳрамони бадеиро характеристикаи муносиб диҳем ва ин омили худбаҳодиҳии шахсии хонанда мегардад. Итминони комил мавҷуд аст, ки чунин тарзи кор ба худтаҳлилкунии маънавӣ, худинкишофдиҳӣ ва худро ислоҳ намудани хонанда низ сабаб мегардад. Супориш: ба хонандагон супориш дода шавад, ки сифатҳои ба назари онҳо муҳими қаҳрамони асари бадеиро интихоб намоянд. Ин сифатҳоро аз нигоҳи шахси муосир, ҷавонони ҳозира баҳо диҳед. Як мисоли чунин шарҳ додани характери қаҳрамони асари бадеӣ чунин аст: хонандагон бо ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ ва асари ӯ амиқ шинос шуда, муҳим будани илм омӯхтанро дар зиндагӣ мефаҳманд. Чунин тарзи пешниҳод намудани муҳимияти хондани китоб, адабиёти хусусияти маънавидошта ба зеҳни хонанда беасар намемонад. Қайд намудан зарур аст, ки элементи асосӣ дар характеристика додани қаҳрамони асари бадеӣ, ин андешаронихои хонандагон, ҳолати эмотсионалӣ ва эҳсосоти онҳо аст. Бо ин мақсад аз асари бадеӣ бояд порчаҳои мувофиқ интихоб карда гирифта шаванд. Хонандагон эпизодҳои асарро муҳокима менамоянд ва эҷодкорона шарҳ медиҳанд, дарк намудани замири инсони реалиро меомӯзанд, дар муқоиса бо шахсиятҳои дигаре, ки асоси реалӣ надоранд. Чунин тарзи кор мушоҳида намудани падидаи маънавӣ-ахлоқиро ба хонанда ёд медиҳад.

Чунин тарзи омӯзиш қариб дар ҳамаи дарсҳои ба ахлоқ ва маънавиёт бахшидашуда ҷой дошта метавонад. Барои аҳволи ботинии қаҳрамон, муносибати ӯро бо одамони атроф нишон додан, имкон аст усули «суратнигорӣ»-ро истифода барем:

-бо кадом суханҳо мо метавонем фазои «Қишлоқи тиллоӣ»-и Мирсаид Миршакарро тасвир намоем? Барои чӣ?

-ҳангоми тасвир намудани муносибати Сайёд бо ҳамдеҳагон кадом калимаҳоро истифода бурдан беҳтар аст? Муносибати Шарафро бо падараш чӣ?

-бо кадом суханҳо мо метавонем руҳияи адиб ё қаҳрамони асари бадеиро тасвир намоем?

Имконияти дигари тайёр намудани характеристикаи қаҳрамони асари бадеӣ ё адиби мавриди омӯзиш аз рӯйи накшаи пешниҳодшуда низ мавҷуд аст. Масалан, чунин нақша:

1.Ӯ кӣ буд ва дар кадом давра зиндагӣ мекард?

2.Образи кадом сифатҳои шахсӣ буда метавонад? Андешаи худро дар бораи муҳим будани ин сифатҳо дар замони муосир иброз доред.

3.Ин шахс чӣ қаҳрамонӣ ё корҳои шоиста намудааст?

4.Аҳамияти образ дар замони муосир чӣ аст? Ҳаёт ва фаъолияти ӯ ҳамчун намунаи кадом хислатҳо гардида метавонад? Ба гуфтаҳои худ далелҳо оред.

Тасвири бадеӣ. Агар шумо ҳайкалтарош мебудед, ба шахси мавриди омӯзиш чӣ гуна ҳайкал мегузоштед? Онро тасвир намоед ва бо ҷумлаҳо шарҳ диҳед.

Пешниҳод мешавад, ки китобҳои дарсии адабиёти тоҷик танҳо маводи таълимӣ - яъне танҳо маводи хонишро дар бар гиранд. Саволу супоришҳо ва машқҳо бошанд, дар шакли тест дар брошюраи алоҳида, ҳамчун дафтари корӣ ба хонандагон пешниҳод намуда шавад. Қайд намудан бамаврид аст, ки таҳия намудани чунин дафтарҳои корӣ, ки бо такя ба саволу ҷавоби тестӣ, корҳои дунафара, кор дар гурӯҳ ва дигар усулҳои интерактивӣ тартиб дода мешаванд, ба болоравии қобилияти зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад ва вақти навиштани тестро сарфа менамояд. Дар раванди кор мушоҳида гардид, ки тамоми тестҳое, ки дар китобҳои дарсӣ оварда шудаанд, аз ҷониби хонандагон ишора гузошта шудаанд ва ин маънои онро дорад, ки хонанда китоби дарсиро ба дафтари корӣ табдил додааст. Ин амал тақозо менамояд, ки ҷиҳати ҳалли масъала дар бораи таҳия намудани дафтарҳои корӣ андеша намоем. Ғайр аз ин, барои имтиҳонҳои Маркази миллии тестиро супоридан ва соҳиби касби дилхоҳ гаштан хатмкунандагони муассисаҳо имрӯз маҷбур мешаванд маблағ сарф намуда, дарси иловагӣ гиранд ва дар ин дарсҳои иловагӣ онҳо бо роҳи саволу ҷавоби тестӣ ба дохилшавӣ тайёр мешаванд.

Хулоса, ҷорӣ намудани методологияи таълифи китобҳои дарсии насли нав фарогири принсипҳои методологии умумӣ буда, талаботи дидактикӣ ва мафкуравии забони китобҳои дарсӣ бояд мувофиқи талаботи замон бошад. Паҳлӯҳои гуногуни ташхиси китобҳои дарсии адабиёти тоҷик бо назардошти идеологияи ваҳдати миллӣ мавзуи доманадор ва васеъ буда, таҳқиқоти мукаммали илмиро интизор аст.